**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов 13
Тел.: (+992 37) 227-42-43
Факс: (+992 37)227-63-64
Веб-сомона: www.mmk.tj
E-mail: info@mmk.tj

№ 186/2с
аз «27» 09 соли 2021.

Бонки миллии Тоҷикистон

Хулоса дар бораи ба охир расидани мухлати машварати оммавӣ оид ба огоҳиномаи таҳияи лоиҳаи Дастурамал "Оид ба талабот нисбат ба гузаронидани санҷиши фишороварӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ"

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ огоҳинома дар бораи омода намудани лоиҳаи болозикрро, ки дар Феҳристи нақшаҳои таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 августи соли 2021 ҷойгир карда шудааст, мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор дод.

Машварати оммавӣ нисбати огоҳиномаи таҳияи лоиҳаи болозикр аз 23 август то 23 сентябри соли 2021 гузаронида шуд.

Огоҳинома бо дарназардошти талаботи қисмҳои 2 ва 3 моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" таҳия гардидааст.

Тибқи қисми 3 моддаи 35 Қонуни мазкур, субъекти таҳиякунанда оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё даст кашидан аз омода намудани он ҳуқуқ дорад.

Муовини якуми
Директор

Соҳибзода М.М.